# ҶОЗИБАИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Мақому манзалати забони модарӣ ва аҳамияти онро дар ташаккули тамаддуни ҳар як ҷамъият ба инобат гирифта, роҳбари кишвар таъкид мекунад: «... худшиносӣ, ифодаи андешаву тафаккури миллӣ, вобастагии руҳиву маънавии байни авлодҳо ба воситаи забон намоён мегардад. Ҳамаи фазилатҳои нек дар қалби инсон, аввало бо аллаи модар, ҷозибаи нотакрори забони модарӣ ҷойгир мешавад. Забони модарӣ ин руҳи миллат аст».

Дар мактаби таълими умумии рақами 24 ноҳияи Зангиато бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии забони модарӣ дар мавзӯи «Забон–омили устувории миллат» семинари илмиву амалӣ баргузор шуд. Дар чорабинӣ олимону профессорони донишгоҳҳои олӣ, методистҳо, муаллифони китобҳои дарсӣ, муаллимони забонҳои ӯзбекӣ, русӣ, қазоқӣ, тоҷикӣ ва ғайраҳо иштирок намуданд. Чорабиниро мудири шуъбаи таъмин ва ташкили методии фаъолияти муассисаҳои таълими халқи ноҳияи Зангиато А. Муҳиддинов ифтитоҳ бахшид. Олимони соҳа мисли Боқиҷон Тӯхлиев, Қолдибек Сейданов, Нусратулло Ҷумъахӯҷаев, Таваккал Чориев, Дилшод Айтбаев, Комилҷон Холлиев, сарметодисти Маркази таълими ҷумҳурӣ Комила Усмонова ва дигарон дар бобати мақоми забони модарӣ ва масоили марбут ба он маърӯза намуда, таъкид карданд, ки забони модарӣ барои ҳар як инсон азиз ва гиромӣ аст. Бар ин бино дар ҷумҳурии мо барои ба забони модарии худ таълими умумӣ гирифтани ҷавонон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дарвоқеъ, забони модарӣ омили муҳими ташаккули шахсият мебошад ва барои амиқ дарк кардани тамоми мафҳумҳо роҳ мекушояд, аз ин нигоҳ эҳтиром ба забон ва ҳифзи он чун қарзи фарзандӣ мебошад, ки кас дар назди халқ бояд анҷом диҳад. Забондонӣ омили муҳими рушди қобилияти зеҳнии шахс мегардад. Аз ин хотир, забони модарӣ ва забони давлатиро мукаммал омӯхта, дар амал татбиқ кардани он боиси ташаккули фикрии насли наврас хоҳад буд.

–Гузаштагони мо ҳадди ақалл 5-6 забонро мукаммал диниста, ба он забонҳо асар навиштаанд. Мо низ бояд анъанаи аҷдоди худро идома дода, дар шароити блингвизм ба забонҳои муҳим балад гардида, дар пешрафти ҳаёти иҷимоиву фарҳангӣ саҳм гузорем.–таъкид намуд устоди Донишгоҳи давлатии Бухоро, номзади илмҳои филологӣ Таваккал Чориев.

Дар чорабинӣ оиди забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ, русиву қазоқӣ, қирғизиву туркманӣ ва муаммоҳои ҳалталаби онҳо сухан рафт.

Чунонки маълум аст, дар шароити имрӯза донистани забонҳои хориҷӣ ниҳоят муҳим буда, барои омӯхтани фарҳанг, адабиёт ва урфу одати ҳар як миллат, ҳар як халқият воситаи муҳим мегардад. Аз ин нуқтаи назар ҳар касе, ки дар набати аввал забони модарии худро мукаммал омӯхта, аз хурдтарин ҷузъиёти он хабардор бошад, метавонад ба зудӣ дар забонҳои дигар низ комёб шавад. Дар идомаи тадбир омӯзгорони забону адабиёт бо мутахассисон ва муаллифони китобҳои дарсӣ суҳбат ороста, оиди баъзе муаммоҳое, ки дар китобҳои дарсӣ ва усули таълим ба назар мерасад, фикр иваз карданд.

Дар чорабинӣ баромади донишомӯзони мактаби рақами 24 хушу хотирмон буд.

**Х. Ҳамидов.**

**Манба: “Овози тоҷик” газетаси, 24 феврал 2016 йил**